# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

"29" 05 соли 2023 №125/б ш. Душанбе

*Дар бораи баробарарзиш эътироф кардани дипломи дараҷаи илмӣ*

Мутобиқи сархати 5 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ (ИКД №002161), ки бо карори Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Қирғизистон аз 28 июни соли 2018 (протоколи №6к-1/12) ба Ҷумъаев Шерзод Мирзоевич аз рӯйи ихтисоси 14.01.14-Дандонпизишкӣ дода шудааст, эътироф карда шуда, бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.01.14-Дандонпизишкӣ (Феҳристи ихтисосҳои кормандони илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон) баробарарзиш дониста шавад.

2. Мудири шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ (Ёров Э.А.) вазифадор карда шавад, ки барои таъмин ва барасмиятдарории як адад дипломи намунаи давлатии баробарарзишии дараҷаи илмии номзади илм чораҳои зарурӣ андешад.

3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ (Базаров Ш.Э.) вазифадор карда шавад, ки барои дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан, ҷойгир намудани нусхаи фармоиши мазкур дар сомонаи Комиссия ва дар парвандаи аттестатсионии довталабон чораҳои зарурӣ андешад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. вогузор карда шавад.

Асос: дархости Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй аз 28 апрели соли 2023, №114 ва қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6.

Раис Розиқзода А.